**аз 05.11.2021, №518**

Дар бораи тасдиқи «Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионии мақомоти андоз»

Бо мақсади иҷрои банди 1 нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст, мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионии мақомоти андоз тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Сардорони сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои (ташкилотҳои) системаи Кумитаи андоз ҷиҳати иҷрои Барномаи мазкур чораҷӯӣ намоянд.
3. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои (ташкилотҳои) системаи Кумитаи андоз дастрас намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз (муовини сарпараст) вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замима
ба фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 ноябри соли 2021, №518

# Б А Р Н О М А И
## идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионии мақомоти андоз

### Боби 1. Муқаддима

1.1. Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионии мақомоти андоз барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Барнома), ҷиҳати иҷрои банди 181 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва банди 1 нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудаанд, таҳия гардидааст.

1.2. Барнома бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбии кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии андоз, баланд бардоштани обрӯи мақомоти андоз ва кормандони он дар ҷомеа, пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда қабул гардидааст.

1.3. Муқовимат бо коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва татбиқи он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат ба коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардонии он вобастагии зич дорад.

1.4. Мафҳуми муқовимат ба коррупсия – фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ; ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳуқуқвайронкуниҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишудае, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд оварда, аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд содир шуда, боиси ҷавобгарии бо қонунгузорӣ муқарраршудаи интизомӣ, маъмурӣ, гражданӣ ва ҷиноятӣ мегарданд.

1.5. Мафҳуми коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани

неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ.

1.6. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунандаи ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст.

1.7. Барнома ҳамчун замина барои омӯзиши минбаъдаи кормандони мақомоти андоз хизмат намуда, ба сабабҳо ва оқибатҳои пешгирии коррупсия мусоидат менамояд.

1.8. Барои расидан ба ҳадафҳои Барнома пайгирона вазифаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- мукаммалгардонии заминаи ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти мақомоти андоз ҷиҳати пешгирӣ, ошкор, бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ, роҳ, усул ва воситаҳои муқовимат ба коррупсия;
- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқи фаъолияти мақомоти андоз;
- устувор ва баланд бардоштани эътимоднокии шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти андоз;
- вусъат ва фаъолгардонии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва байниидоравӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия;
- таъмини иҷрои санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия, фароҳам овардани шароит барои пешгирӣ намудани омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ.

## Боби 2. Самтҳои асосии Барнома

2.1. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар самтхои асосии зерин амалӣ карда мешавад:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз тавассути таҳия, такмили мунтазам ва амалӣ намудани барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ;
- дар фаъолияти мақомоти андоз ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки шаффофият ва беғаразиро дар фаъолияти корӣ таъмин менамояд;
- баланд бардоштани сифати омодагии касбии мутахассисон дар соҳаи ташкили пешгирӣ ва муқовимати бевосита ба коррупсия;
- такмили низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ;
- омӯзиши амалия ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ оид ба муқовимат ба коррупсия;
- татбиқи босамар ва мақсадноки маҳдудиятҳо, ӯҳдадориҳои муайяншуда дар фаъолияти корӣ, санадҳои меъёрӣ бо мақсади пешгирии коррупсия;

- ташкил ва гузаронидани барномаҳои омӯзишӣ вобаста ба мавзӯъ, моҳият, мафҳум ва оқибатҳои коррупсия, қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба коррупсия, самтҳои пешгирифтаи давлат дар ин самт.

## Боби 3. Принсипҳои асосии Барнома ва маҳдудиятҳо дар хизмати давлатӣ

3.1. Муқовимат ба коррупсия дар асоси принсипҳои зерин ба амал бароварда мешаванд:

- волоияти қонун, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд;
- эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- танзими дақиқи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқвайронкунии бо коррупсия алоқаманд, қонуният, шаффофият ва ошкорбаёни дар фаъолияти онҳо ва назорати давлативу ҷамъиятӣ аз болои ин субъектҳо;
- озодии сухан;
- такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ ва тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд;
- эътирофи раво будани маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробаркардашуда, мутобиқи моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;
- манъ будани иҷрои вазифаҳои давлатӣ дар ҳолати бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ;
- роҳ надодан ба хешу таборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ;
- барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирӣ намудан ва барҳам додани оқибатҳои зарарноки ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;
- аз тарафи давлат муҳофизат намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, муқаррар намудани музди меҳнат ва имтиёзҳое, ки ба онҳо ва аҳли оилаашон сатҳи муносиби зиндагиро таъмин мекунанд;
- манъ будани ваколатдоркунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ба танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ;
- таъмини амнияти шахсӣ ва кафолати ҳуқуқии шахсоне, ки ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат менамоянд;
- ҳамкории давлат бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байнанмилалӣ ва шахсони воқеӣ.

3.2. Принсипи афзалияти тадбирҳо оид ба пешгирии коррупсия ба бартараф намудани сабаб ва шароитҳои ба вуҷудовардаи омилҳои коррупсионӣ равона шудааст.

## Боби 4. Маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда

4.1. Ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробаркардашуда манъ аст:

- ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ, ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;
- аз рӯи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақомоти давлатие, ки дар он ҷо хизмат мекунад ё бевосита таҳти назорати он мақом қарор дорад, вакили шахсони сеюм бошад;
- шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба соҳибкорӣ машғул шавад. Шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор уҳдадор аст, ки ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро дар давраи дар хизмати давлатӣ буданаш таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок диҳад;
- воситаҳои молиявӣ, моддию техникӣ, нақлиётӣ, дигар захираҳои давлатӣ ё коллективӣ ва ахбороти хизматиро ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода намояд;
- барои хизмате, ки аз рӯи вазифаҳои хизматии худ анҷом додааст, инъомҳо гирад, ба шахсони мансабдори болоӣ тӯҳфа диҳад ва хизмат расонад, ба истисноИ тӯҳфа ва армуғонҳои рамзӣ дар чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳои дигар. Арзиши умумии тӯҳфаҳои гирифташуда дар давоми сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо набояд зиёд бошад;
- аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ба саёҳат ба сафарҳои дохилиҷумҳуриявӣ ва хориҷии муолиҷавӣ – табобатӣ, саёҳатӣ ва дигар сафарҳо равад, ба истисноИ сафарҳо бо даъвати хешовандони наздик ва аз ҳисоби онҳо сафарҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо мувофиқаи байни мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки аз ҳисоби мақомоти давлатии дахлдор ё ташкилотҳои байналмилалӣ сурат мегиранд;
- супоришу дастурҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва субъектҳои хоҷагидорро, ки ба хизмати мақомоти давлатӣ дахл доранд, ба ҷо оварад ё мақоми хизматии худро ба манфиати онҳо истифода баранд;
- бар хилофи манфиати кор бюрократизм, идорабозӣ ва маҳалгароӣ зоҳир намояд;
- нисбати ягон ташкилот, мақомот, иттиҳодҳои шаҳрвандон ё шахси мушаххас бадхоҳ ё хайрхоҳ бошад;
- барои дар матбуот, радио ва телевизион интишор ва пахш гардидани мақолаю барномаҳои дар чорабиниҳои расмӣ ба сифати хизматчии давлатӣ баёнкарда, ки таҳияи онҳо ба уҳдадории хизматиаш дохил мешавад, ҳаққи қалам гирад.

## Боби 5. Ихтилофи манфиатҳо ва коррупсия

5.1. Байни коррупсия ва ихтилофи манфиат робитаи эътирофшуда вуҷуд дорад. Гарчанде, ки байни ихтилофи манфиат ва коррупсия тақсимоти аниқе мавҷуд нест, вале онҳо чизҳои гуногун мебошанд. Коррупсия ин истифодаи вазъи хизмати давлатӣ барои манфиатҳои хусусӣ мебошад.

5.2. Дар бисёр ҳолатҳо коррупсия метавонад ҳолатҳои ихтилофи манфиатҳоро дар бар гирад, вале на ҳама ҳолатҳои ихтилофи манфиатҳо ҳолатҳои коррупсия ҳисобида мешавад.

5.3. Дар баъзе ҳолатҳо ихтилофи манфиатҳо дар он ҷое ба миён меояд, ки дар он ягон амали коррупсия вуҷуд надорад ва баръакс. Масалан, шахси расмӣ дар қабули қарор иштирок мекунад, ки дар он вай манфиати тавоноии хусусӣ дорад, вале шахси расмӣ метавонад боадолатона ва тибқи қонун амал намояд, ки дар натиҷа ягон амали коррупсионӣ вуҷуд надорад. Шахси дигари расмӣ барои қароре, ки вай дар ҳар ҳолат қабул мекард, бидуни ҷалби худ ба ихтилофи манфиат метавонист ришва гирад.

5.4. Ихтилофи манфиат зарур нест, ки коррупсия ё тақаллуб бошад, гарчанде ки ин амал «сӯистифода аз идораи давлатӣ барои фоидаи шахсӣ» бошад, дар он амал эҳтимолияти рафтори ғайриадолатона ниҳон мебошад.

5.5. Ин ҳам дуруст аст, ки бештари вақт коррупсия дар он мавриде ба миён меояд, ки манфиати хусусӣ зери таъсири нодурусти адои вазифаҳои расмии давлатӣ қарор мегирад.

5.6. Сиёсатҳо оид ба ихтилофи манфиат, ки дар ин замина арзи вуҷуд дорад, барои барпо намудани тамомияти бахши давлатӣ, муҳофизат ва тақвият додани демократия асбоби муҳим ба шумор меравад.

5.7. Ихтилофи манфиат ба се намуд ҷудо мешавад:

- ихтилофи воқеӣ манфиат, зиддият бевосита байни вазифа ва уҳдадориҳои ҷории шахси расмӣ ва манфиатҳои хусусии мавҷударо дар бар мегирад.
- ихтилофи манфиатҳои даркшаванда ё ошкоро метавонад дар ҷое дарк карда шавад, ки дар ҳамон ҷой вуҷуд дошта бошад, ё пайдо шавад, ки дар натиҷа манфиатҳои хусусии шахси расмӣ метавонад ба адои вазифаҳои расмии вай таъсири нодуруст гузорад.
- ихтилофи манфиатҳои потенсиалӣ ё ниҳонӣ дар мавриде бар меояд, ки шахси расмӣ манфиатҳои хусусӣ дорад ва онҳо дар оянда метавонанд бо адои вазифаҳои расмии вай ба ихтилоф ояд.

## Боби 6. Тадбирҳо оид ба пешгирии коррупсия

6.1. Пешгирии коррупсия аз маҷмӯи чорабиниҳои таъсирнок иборат буда, ҷанбаҳои мухталифро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама дар натиҷаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ кашидани шахсоне, ки ба зуҳуроти коррупсионӣ даст мезананд ва ё мусоидат мекунанд, таҳлил ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда амалӣ магардад.

6.2. Пешгирии коррупсия ҳамчун воситаи самаранок эътироф гардида, хароҷоти камтарро нисбат ба тафтишоти коррупсия талаб мекунад ва дар маҷмӯи масъалаҳои ислоҳоти идоракунии давлатӣ (поктинатӣ ва шаффофият, ҳисобдиҳии ниҳодҳои давлатӣ дар назди ҷомеаи шаҳрвандӣ), таҳлили хавфҳои коррупсия, аз ҷумла аудити фаъолият ҳамчун худ баҳогузории идоравӣ, санҷишҳои махсуси (интихобии) вазорату идораҳо чиҳати аз тарафи онҳо иҷро намудани барномаҳои миллӣ ва идоравию соҳавии зиддикоррупсионӣ, ошкор намудани соҳаҳои бештар ба хавфҳои коррупсия гирифташуда, сабаб ва шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ҳамчун зуҳуроти номатлуб ва андешидани татбирҳои далдори ҳуқуқию амалиро фаро мегирад.

6.3. Дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ин мониторинги ҳолати муқовимат ба коррупсия аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оғоз ба таҳлили хавфҳои коррупсия дар соҳаҳое, ки бештар ба хавфҳои коррупсионӣ гирифтор шуда ва шарҳи рафти амалишавии стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, стратегияи давлатии зиддикоррупсионӣ ва барномаҳои идоравии зиддикоррупсионӣ мебошад.

6.4. Баҳогузории зиддикоррупсионӣ қойдаҳо ва расмиёти (тартиби) ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳқиқотҳои сотсиологӣ, илмию ҳуқуқӣ ва иқтисодии коррупсия, пешгирии бархурди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ, назорати ҷараёни расмикунонии маблағҳо ба маблағгузории терроризм, инчунин ҳизбҳои сиёсӣ ва чорабиниҳои интихоботӣ мебошад.

## Боби 7. Бахши афзалиятноки амалӣ намудани тадбирҳои Барнома

7.1. Таҳлили хавфҳо – ин расмиёти яккарата набуда, ҷараёни доимӣ мебошад. Тартиби баамалбарорӣ ва самаранокии тадбирҳо, ки аз таҳлили хавфҳо бар меояд, бояд ба таври доимӣ пайгирӣ карда шавад.

7.2. Аудити дохилӣ – ин воситаи идоракунӣ мебошад ва амалишавии назорати идоракуниро аз болои сохторҳои ташкилот ба воситаи гузаронидани расмиёти аудиторӣ таъмин менамояд, ҳамзамон ҷиҳати пешгирии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ба роҳбарияти мақомоти дахлдори давлатӣ тавсияҳо пешниҳод менамояд.

7.3. Аудити дохилӣ таҳлили хавфҳои коррупсияро мегузаронад, тадбирҳои дахлдорро оиди муқовимат ба коррупсия дар дохили мақомоти давлатӣ тарҳрезӣ менамояд, чораҳои бартарафсозии омилу сабабҳои ба ҳолатҳои коррупсионӣ мусоидаткунандаро пешниҳод менамояд ва амалишавии онҳоро таъмин менамояд.

7.4. Кодекси одоби хизматчии давлатӣ – ин маҷмӯи қоидаҳои рафтори хизматчии давлатии мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки меъёрҳои ахлоқии фаъолияти касбии онҳоро таҷассум менамояд, дар

Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирд оварда шудааст.

7.5. Дар Кодекси мазкур навгониҳои зиёд ба монанди муқаррар ва танзим намудани назорати риояи Кодекси одоб, инчунин тартиби ташаккул ва амали комиссияҳо оид ба одоб, ки бояд назорати риояи Кодексро амалӣ намоянд, таҷассум гардидааст.

7.6. Ҷиҳати амалӣ намудани тадбирҳои Барнома зарур аст:

- дарёфти воситаҳои иловагӣ ва имкониятҳои мустаҳкам намудани заминаи таъминоти моддӣ, техникӣ ва иҷтимоию маишии кормандон;
- маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои аудити фаъолият, ҳамчун таҳлили анҷомдодаи хавфи коррупсия;
- пешбинӣ намудани тавзеҳи принсипҳои хизмати давлатӣ;
- такмил додани механизмҳои назорат оид ба риояи одоби хизматчии давлатӣ дар мақомоти андоз;
- ташаккул додани фаъолияти комиссия оид ба одоб дар мақомоти андоз;
- ташкили омӯзиши таҷрибавӣ барои хизматчиёни давлатӣ ва роҳбарони ин мақомот тавассути беҳтар намудани низоми таълим оид ба одоби хизматӣ ва танзими бархӯрди манфиатҳои хизматчиёни давлатӣ ва дар ин ҷараён ташкил намудани таҳсилоти доимӣ ва даврӣ.

## Боби 8. Натиҷаҳои татбиқи Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионӣ, мониторинг ва арзёбии самарабахши он

8.1. Натиҷаҳои асосии татбиқи Барнома аз беҳтар намудани вазъи пешгирии коррупсия, сари вақт ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва афзоиши нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирӣ, муқовимат ва коҳиш додани тамоюли афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ иборат мебошад.

8.2. Мониторинги Барнома – ин маҷмӯи чораҳои назоратӣ, санҷишӣ, таҳлилӣ, ахборотӣ ва арзёбии тадбирҳо оид ба татбиқи Барнома, нақшаи кори дохилиидоравии мақомоти андоз.

8.3. Арзёбии Барнома аз рӯи нишондодҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- фароҳам овардани шарту шароити пешгирии коррупсия;
- таъмини иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия;
- ба вуҷуд овардани фазои оштинопазирӣ ба коррупсия ва ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар мақомоти андоз;
- баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон дар самти муқовимат ба коррупсия;
- таъмини фаъолияти самараноки мақомоти андоз, ҳамчун субъекте, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд.